# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА – 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи “Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа” (дар мисоли вилояти Суғд) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи “Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа” (дар мисоли вилояти Суғд) муҳим ва мубрам мебошад. Тадқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида дониста шуда, меҳнати мустақилонаи докторант ба шумор меравад, ки ҳалли муаммоҳои муайян намудани асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқи идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа, хусусиятҳои ташаккул, ҳолат ва самарнокии истифодабарии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои таҳлил, синтез (таҷзия), муқоиса, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва тадқиқоти монография истифода шудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи омодашуда ба такмилгардонии идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар иқтисодиёти минтақа бахшида шуда, бо забони давлатӣ таҳия гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва маконӣ), ки вобаста ба шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №10/дс ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат аст.

**Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

- дар асоси таҳлили таърифҳои мухталифи мундаричаи иктисодии иқтидори меҳнатии минтақа, муҳтавои он ғанӣ гардонида шуда, нуқтаи назари муаллиф оид ба моҳияти ин категорияи иқтисодӣ пешкаш карда шудааст, ки мувофиқи он иқтидори меҳнатии минтақа маҷмӯи имкониятҳои аҳолии қобили меҳнати минтақа мебошад, ки дар асоси ҳувияти аҳолӣ, қобилияти баланди мутобиқшавӣ ба шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт, хусусиятҳои рушди таърихии минтақа ва ғайра шакл мегирад;

- арзёбӣ карда шудааст, ки аз рӯйи сатҳи иқтидори меҳнатӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойи аввалро шаҳри Душанбе, дуввумро вилояти Суғд ишғол менамояд, ки дар заминаҳои зерин, яъне ҳиссаи баланди соҳаи саноат, инкониятҳои васеъ дар бозори молу хизматрасонӣ таъмин карда шудааст. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд муваффақиятҳои нисбии пешкадамро ш.Хуҷанд, ш.Панҷакент, ш.Истаравшан, ш.Бӯстон дорад, ки бо фаъолнокии соҳибкорӣ, рушди корхонаҳои саноатӣ, энергетикӣ алоқаманд аст. Пешниҳод гардидааст, ки шаҳру ноҳияҳои боқимонда, ки аз сатҳи умумивилоятӣ кам мебошанд, ки минбаъд ба ин масъала таваҷҷуҳ диҳанд;

- муайян карда шудааст, ки иқтидори меҳнатӣ дар шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ба гирдгардиши иқтисодӣ нопурра ворид гардидааст, ки бо сабабҳои зерин асоснок карда шудааст: мавҷудияти сатҳи назарраси иқтисодиёти пинҳонӣ, бозори ғайрирасмии меҳнатӣ, нокифоягии даромади аҳолӣ дар ноҳияҳои кишоварзӣ, афзоиши ҳиссаи занони бекор, сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат, тафовути назарраси ҳудудии шуғли аҳолӣ дар байни шаҳру деҳот, рушд наёфтани бахши реалии иқтисодиёт;

- усулҳои (методикаҳои) гуногуни арзёбии вазъи иқтидори меҳнатӣ низомбандӣ шуда дар асоси он асоснок карда шудааст, ки истифодабарии усули интегралӣ ба шароити муосири минтақа мутобиқат дорад. Зеро дар он нишондиҳандаҳои сифатии иқтидори меҳнат ба монанди тахассусмандӣ, сатҳи маълумот, саломатӣ, фаъолнокӣ, эҷодкории (қобилияти инноватсионӣ) захираҳои меҳнатӣ дар чаҳорчӯбаи ҳосилнокии меҳнат дар назар дошта шудааст;

- исбот карда шудааст, ки дар сохтори захираҳои меҳнатии вилояти Суғд афзоиши ҳиссаи ҷавонон зиёд буда ҷанбаи қавии иқтидори меҳнатӣ ба ҳисоб меравад, вале он дар номувозинатии тақозо ва пешниҳоди бозори меҳнат шадид гаштани таъмини шуғл таъсири бевосита дорад. Мудаллал гардидааст, ки бештари корхонаҳо ҳангоми истифодаи иқтидори меҳнатӣ чун корфармо-монополист муносибат менамоянд, ки дар арзёбии нокифояи натиҷаҳои меҳнат акси худро меёбад;

- коркарди амсилаи математикӣ-регрессионӣ оид ба таъсири омилҳо ба натиҷаи интизории баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ки самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаро муайян менамояд. Дар асоси он муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ба идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар байни омилҳо, сатҳи маълумотнокӣ, зиёдшавии корхонаҳои саноатӣ таъсири назаррас мерасонад;

- самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа **муайян карда шуданд**: фароҳам овардани шароит ва ҳавасмандкунии рушди бахши реалии иқтисодиёт; такмили ҷараёни рушди бозори меҳнат дар вилояти Суғд; татбиқи чораҳои судманд барои дастгирии шуғли қишри ҷавонон ва занон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Маълумотҳои пешгӯикунанда оид ба шумораи иқтидори меҳнатӣ ва талаботу пешниҳод ба онҳо дар бозори меҳнати вилояти Суғд то соли 2030 тартиб дода шудаанд;

- ошкор намудани бекорон, сабабҳои кам истифода шудани иқтидори меҳнатӣ ва баҳисобгирии саҳеҳи онҳо дар сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ;

- таҳкими кор оид ба баланд бардоштани самаранокии курсҳои омодасозӣ ва бозомӯзии иқтидори меҳнатии минтақа;

- таҳияи сиёсати оптималии идоракунии муҳоҷирати иқтидори меҳнатӣ бо назардошти ниёз ба кадрҳо, мутахассисон дар миқёси иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ;

- фаъол намудани ҳамкории судманд бо иттифоқҳои касаба, корфармоён оид ба идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар бозори меҳнати минтақа.

**Саҳми шахсии довталаб дар натиҷаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шудаанд, асосҳои назариявӣ рушд дода, тавсияҳои илмиву амалӣ оид ба такмили механизми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа коркард гардиданд ва ба тасвиб расиданд. Муаллиф дар рушди консепсияи идоракунии иқтидори меҳнатӣ чун парадигмаи рушди иқтисодиёти минтақа саҳми назаррас гузошт, ки дар ҳал намудани муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳо инъикос мегардад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Муқаррароти илмӣ, хулосаю тавсияҳои кор ба маводи расмии иттилоотию оморӣ ва таҳлилӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбанд. Натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи

методҳои умумиилмии таҳқиқот коркард шудаанд ва ба муқарраротӣ маълуми илмҳои иқтисодӣ ихтилоф надоранд. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар раванди конференсияҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ шудаанд.

3. Натиҷаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар нашриёҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида дар ҳаҷми 5,1 ҷ.ч. ва 8 адад мақолаи илмии дар дигар нашриёҳо чопшуда дар ҳаҷми 2,6 ҷ.ч. инъикос ёфтаанд.

4. Дар диссертатсияи Негматов Ш.Л. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Негматов Ш.Л. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74, 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи "Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа" (дар мисоли вилояти Суғд) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад:

3. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Негматов Ш.Л. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74, 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Негматов Ш.Л. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74, 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич дар мавзуи “Идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа” (дар мисоли вилояти Суғд) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад:

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

1. **Амонова Дилбар Субхоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;
2. **Гаибназаров Шухрат Умаркулович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Директори колеҷи муҳандисӣ-омӯзгории ноҳияи Ҷ.Расулов;
3. Ба ҳайси муассисаи пешбар: Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.и., профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Бобоҷонов Д.Д.**

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Раҳимов А.М.**

д.и.и., дотсенти кафедраи
молия ва қарзи ДДҲБСТ **Шокиров Р.С.**

Имзои аъзои комиссияи ташхисӣ – Бобоҷонов Д.Д., Раҳимов А.М. ва Шокиров Р.С.-ро тасдиқ менамоям:

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Котиби шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент **Самадова З.А.**

02.06.2023